## ФАРМОИШИ
### Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РАСПОРЯЖЕНИЕ
### Правительства Республики Таджикистан

аз 3 январи соли 2014 №1-ф ш. Душанбе

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади сари вақт ва босифат таҳия намудани Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015-2017, истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ва ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати молиявӣ:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳоро оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015-2017 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» дар мӯҳлатҳои зерин ташкил намояд:

- то 1 феврали соли 2014 Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 ва нақшаи тақвимӣ оид ба таҳияи буҷетро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор расонад;

- то 15 марти соли 2014 вобаста ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодие, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ҳаҷми даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд;

- то 1 июни соли 2014 дар доираи таҳияи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015-2017 ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати буҷету андозро барои ҳар як сол, ки маълумоти зеринро дар бар мегиранд, пешниҳод намояд:

а) нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, касри он ва ҳаҷми қарзи давлатӣ;

б) нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

в) нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

г) ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

д) пешниҳоди хароҷоти афзалиятнок барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ, бо дарназардошти пешниҳодоти дахлдори тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;

- то 1 июли соли 2014 Дастурамал оид ба таҳия намудани лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 ва дурнамои онро барои солҳои 2016-2017 таҳия намуда, ба вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор расонад;

- то 1 июли соли 2014 ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷетиро аз рӯи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ барои солҳои 2015-2017 муайян намуда, то 5 июли соли 2014 онро ба вазоратҳои соҳавии дахлдор ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ расонад;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2016-2017 таҳия карда, то 20 сентябри соли 2014 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2. Вазорату идораҳои аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда:

- то 1 феврали соли 2014 аз рӯи афзалиятҳои байнисоҳавӣ барои таҳияи барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъсис диҳанд;

- мутобиқи нақшаи тақвимии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавиро барои баррасӣ ба гурӯҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- то 1 марти соли 2014 дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2015-2017, инчунин Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ;

- то 15 июли соли 2014 дурнамои аниқшудаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2015 ва самтҳои асосии он барои солҳои 2016-2017, инчунин Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ.

4. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки то 1 марти соли 2014 дурнамои қурби миёнаи солонаи асъори миллӣ нисбат ба доллари ШМА ва сатҳи таваррумро барои солҳои 2015-2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

5. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидории давлатӣ ва бонкҳо то 1 марти соли 2014 оид ба ҳисоби воридоти андоз, аз ҷумла андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, воридоти ғайриандозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет барои солҳои 2015-2017 аз рӯи корхонаю муассисаҳои тобеашон дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

6. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зерин пешниҳод намояд:

- оид ба ҳисобҳои пешакии даромадҳои дохилӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар алоҳидагӣ дар микёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- оид ба манбаи андозбандии андозсупорандагони азими ҷумҳурӣ дар микёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин маблағи ҳисобинамудаи ин корхонаҳо;

- оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз ва номгӯи корхонаю муассисаҳо аз соли 2013 то соли 2015.

7. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зерин пешниҳод намояд:

- оид ба ҳисобҳои пешакии даромадҳо аз фаъолияти иктисодии хориҷӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ;

- оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз ва номгӯи корхонаю муассисаҳо аз соли 2013 то соли 2015;

- оид ба воридоти молҳои зериаксизӣ бо ифодаи ҳаҷм ва арзиш дар солҳои 2013 ва 2015.

8. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 феврали соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ва хароҷотро барои солҳои 2015-2017 пешниҳод намоянд.

9. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 маълумоти зеринро барои солҳои 2015-2017 пешниҳод намояд:

- оид ба лоиҳаҳои муштараки сармоягузории бо ташкилотҳои шарикони рушд амалишаванда ва лоиҳаҳое, ки дар давраи миёнамӯҳлат татбиқ мегарданд;

- ҳисоб аз рӯи маблағи умумии аз хусусигардонии амволи давлатӣ воридшаванда;

- оид ба дивидендҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар фонди оиномавии онҳо ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад;

- оид ба воридоти иҷорапулӣ аз ҳисоби ба иҷора додани амволи давлатӣ.

10. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳисоби андози ягона аз истеҳсолкунандагони

маҳсулоти кишоварзӣ ва андози замин барои солҳои 2015-2017 дар миқёси вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

11. Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт оид ба шумораи воситаҳои нақлиёт то ҳолати 1 январи соли 2014 дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

12. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба воридоти андозҳо дар миқёси ташкилотҳои тобеашон, аз ҷумла Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мувофиқи ҷадвали тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии истифодашаванда дар доираи муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2017 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

13. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» то 15 феврали соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгӯии воридоти андозҳо дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2015-2017, инчунин оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, маҳсулоти зераксизӣ, бақияи маҳсулоти зериаксизӣ, ки дар анборҳои корхонаҳо мавҷуд мебошанд, дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

14. Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" оид ба ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии коммуналии истифодашаванда дар миқёси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, оид ба ҳаҷми молу мулки шахсони воқеӣ барои муайян намудани манбаи андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ барои солҳои 2015-2017 то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

15. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, марказҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ то 1 марти соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот, инчунин ҳисобҳоро оид ба истифодаи қарзҳои берунии бо кафолати давлат ҷалбгардида барои давраи миёнамӯҳлат оид ба маблағҳои ҷалбшаванда, баргардонидан ва пардохти фоиз аз рӯи қарзҳои мазкур пешниҳод намоянд.

16. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳаҷми сохтмонҳои нотамом аз рӯи иншооти аз ҳисоби маблағҳои

буҷетӣ сохташаванда ва дараҷаи омодагии онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2014 то 1 феврали соли 2014 ва ба ҳолати 1 июли соли 2014 - то 1 августи соли 2014 маълумот пешниҳод намоянд;

- барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавиро тибқи Низомнома оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №409 тасдиқ гардидааст, пешниҳод намоянд;

- дар таҳияи барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ афзалиятҳоро, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вохӯриҳояшон бо аҳли ҷомеа, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2016 ва стратегияҳои соҳавии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида муайян гардиданд, ба инобат гиранд;

- дар ҳаҷми умумии захираҳои молиявие, ки барои татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ заруранд, дар алоҳидагӣ маблағҳои буҷетӣ, маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои дахлдор аз ҳисоби қарзҳо, грантҳо ва хизматрасониҳои пулакиро (маблағҳои махсус) нишон диҳанд.

17. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллиро аз рӯи даромаду хароҷот барои соли 2015 таҳия намуда, тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

18. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Раиси<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон